Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آوازتاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

13 ноябри соли 2002. Чоршанбе № 88 (12830)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 17.30 имзо гардид.

## Корҳои тирамоҳӣ — гарави ҳосили фаровон

Тирамоҳ барои кишоварзон ин марҳилаи пурҷӯшу хурӯши барои ҳосили соли оянда тайёр кардани майдонҳо мебошад. Дар мӯҳлат ва хушсифат шудгор кардани майдонҳои аз ҳосили кишоварзӣ, хусусан аз пахта холишуда нашъунамои хуби растаниҳо ва гирифтани ҳосили фаровонро таъмин мекунад. Барои ин қатъӣ риоя намудан ба ҳамаи қоидаҳои агротехникӣ тақозо карда мешавад.

Дар маҷлиси маҷмӯи агросаноатии Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, ки дар ассотсиатсияи «Ӯзагромашсервис» ба амал омад, дар ин хусус сухан рафт. Дар вай ҳолати истифодаи техникаи кишоварзии дар ихтиёри саройҳои мошину тракторӣ вуҷуддошта дар рафти гузарондани тадбирҳои агротехникии тирамоҳию зимистонӣ баррасӣ шуд.

Маҷлис таҳти раисии Нахуствазир, вазири кишоварзӣ ва хоҷагии об, роҳбари маҷмӯи мазкур Н.Юсупов гузашт.

Дар маҷлис ахбороти раиси ассотсиатсияи «Ӯзагромашсервис» Ш.Нишонов, роҳбарони иттиҳодияҳои СМТ-и Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ва вилоятҳо шунида шуд. Қайд шуд, ки дар маҳалҳо дар соҳаҳои ассотсиатсия оид ба сари вақт иҷро намудани тадбирҳои агросаноатии тирамоҳию зимистонӣ корҳои муайян ба амал бароварда мешавад. Хусусан барои шудгори хушсифати замин, ҷамъ овардани поруи маҳаллӣ, корҳои саҳроӣ техникаи зарурӣ ҷудо карда шудааст.

Вале ҳолатҳои роҳ додан ба камбудиҳо ва сусткорӣ дар ин кор ҷой доранд. Техникаи ба саҳро баровардашуда дар баъзе ҳолатҳо носоз, дар дигар ҳолатҳо бошад, бо масолеҳи сӯзишвориву молиданӣ пурра таъмин карда нашудааст. Ҳар як рӯзи тирамоҳ ғанимат аст, аз вай самарабахш истифода бурдан лозим.

Дар маҷлис Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон И.Ҷӯрабеков нутқ эрод кард.

**Беҳзод НОРБОЕВ,**
**мухбири ӮзА.**




## Ҳаракату баракат

Корхонаи хурди «Чигер»-и тобеи хоҷагии ширкатии «Бирлик»-и ноҳияи Томдӣ на фақат дар хоҷагӣ, балки дар ноҳияву вилоят ном баровардааст. Баробари ба кор даромадани корхона барои деҳқонону чӯпонони натанҳо хоҷагӣ балки ноҳия қулай фароҳам оварда шуд. Акнун онҳо барои хариди сару либоси корӣ ба дигар ҷойҳо намеравaнд.

Бар замми ин якчанд нафар бо кори доимӣ таъмин шуданд.

Аҳли меҳнати корхона ба чӣ эҳтиёҷ доштани мардумро омӯхта, номгӯи маҳсулотро зиёд мекунад. Ҳоло онҳо хуб медонанд, ки бозори либосҳои зимистона чаққон мешавад. Аз ин рӯ баҳри истеҳсоли ин зумра либосҳо ҷидду ҷаҳд доранд.

**Дар сурат:** роҳбари корхона **Соғиндиқ Муҳаммадҷонов** дар ҳалқаи дӯзандагон.

**Аксбардор: Собир ЗУФАРОВ (ӮзА).**

## Сафари Нахуствазири Ӯзбекистон ба Туркманистон

Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ӯ.Султонов бо боздиди кории якрӯза дар Туркманистон шуд. Ин сафар ба натиҷаҳои коре, ки оид ба ҳамкории иқтисодӣ комиссияи муштараки Ӯзбекистону Туркманистон ба амал баровардаанд, бахшида шуд.

Дар рафти сафар Нахуствазири Ӯзбекистон бо роҳбарони ҳукумати Туркманистон вохӯрд. Дар музокираҳо масъалаи дар якҷоягӣ истифода бурдан аз коммуникатсия ва захираҳои об муҳокима шуд.

Аз рӯи натиҷаи мулоқот ҳуҷҷатҳои байнидавлатӣ имзо нашуданд.

## Дар Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

**8 ноябр маҷлиси навбатии Комиссияи Олий Маҷлис оид ба масъалаҳои минбаъда амиқ гардондани дигаргунсозиҳои демократӣ ва ташаккулдиҳии асосҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ дар Ӯзбекистон, ки барои амалӣ гардондани вазифаҳое, ки дар маърӯзаи И.Каримов дар иҷлосияи нӯҳуми парлумон даъвати дуюм муайян шудааст, ба амал омад. Маҷлис таҳти раисии роҳбари комиссия, ҷонишини Раиси Олий Маҷлис Б.Бугров гузашт.**

Иштирокдорони маҷлис лоиҳаи Консепсияи амиқгардонии минбаъдаи ислоҳоти судию ҳуқуқӣ, ки беҳдошти таъминоти молиявӣ ва моддию техникӣ кори судҳоро дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ, таҳия намудани дигар тадбирҳое, ки ба таъминоти мустақилӣ ва таъсирнокии сохти судию ҳуқуқӣ нигаронда шудааст, пешбинӣ менамоянд, баррасӣ намуданд. Ба мақсади баланд бардоштани самарабахшии ҳокимиятҳои судӣ дар консепсия даровардани тағйиротҳо ба Кодекси ҷиноию просесуалии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, таҳия намудани таҳрири нави Кодекси ҷавобгарии маъмурӣ, лоиҳаҳои кодекси маъмурию мурофиавӣ, қонунҳо «Дар бораи судҳои холис», «Дар бораи даровардани тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҷиноию иҷроияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон» пешбинӣ шудааст.

Комиссия инчунин лоиҳаи Консепсияи такмилдиҳии асосҳои ҳуқуқии минбаъда демократиконии ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ, фаъолияти воситаҳои ахбори оммавӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва ташаккулдиҳии ҷамъияти шаҳрвандиро баррасӣ намуданд. Дар ҳуҷҷат самтҳои асосӣ ва вазифаҳои фаъолияти эҷодкории қонунӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон, озодии сухан ва воситаҳои ахбори оммавӣ, инчунин рушди институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ муайян шудаанд. Ин самтҳо дар асоси меъёрҳои ҳуқуқҳои байналхалқии оммаэътироф намуда, озодкунии зина ба зинаи тамоми ҷонибҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва сохтмони давлатӣ, ташаккулдиҳӣ ва пурзӯр гардондани механизми назорати ҷамъиятӣ барои фаъолияти мақомоти ҳокимиятҳои иҷроия, зина ба зина ба ҳокимиятҳои маҳаллӣ додани ҳуқуқҳои мақомоти марказии ҳокимиятҳои давлатӣ таҳия шудаанд. Ҷиҳати муваффақ шудан ба ин мақсадҳо таҳия намудани қонунҳои наву такмилёфта, ки ба амал баровардани тамоюли «Аз давлати пурқудрат ба ҷамъияти тавонои шаҳрвандӣ» нигаронда шудааст, пешбинӣ шудааст.

Иштирокдорони маҷлис ҳамаи лоиҳаҳои пешбаришудаи консепсия ва нақшаҳои тадбирҳоро аз вазъият истифода бурда ва ба тарзи амалӣ муҳокима карданд, аз рӯи онҳо як қатор мулоҳизаҳои муҳим баён намуданд. Комиссия қарор дод, ки онҳоро бо назардошти даровардани таклифу мулоҳизаҳо қабул намояд.

## Вохӯрии мутахассисон

**Дар Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон бо лоиҳаи «Кӯмак кардан ба ривоҷи ҷараёни демократикунонӣ дар Ӯзбекистон», ки дар доираи барномаи ТАСИС-и Комиссияи Иттиҳоди Аврупо дар Олий Маҷлис ба амал бароварда мешавад, якҷоя бо Кумитаи қонунгузорӣ ва масъалаҳои судию ҳуқуқӣ сӯҳбати «мизи мудаввар» баргузор гардид.**

Дар вай лоиҳаи Қонун «Дар бораи мақомоти намояндагони халқи Палатаи қонунгузорӣ ва аъзоёни Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон» , ки аз ҷониби гурӯҳи муштараки корбастҳои Ӯзбекистону Аврупо таҳия шудааст, мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар маҷлис намояндагони халқи Олий Маҷлис, кормандони дастгоҳи Олий Маҷлис, институти мониторинги қонунгузории дар амалбудаи назди Олий Маҷлис, Суди Олӣ, Вазорати адлия, Академияи сохтмони давлатию ҷамъиятӣ, олимон, ҳуқуқшиносон, инчунин намояндагони партияҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратӣ иштирок карданд.

Ин вохӯрии мутахассисон ба давоми муҳокимаи лоиҳаҳои қонунҳои қаблан тақдимшуда «Дар бораи Палатаи қонунгузории Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон», «Дар бораи Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон», ки 21 октябри соли равон мавриди баррасӣ қарор ёфтанд, табдил ёфт.

Чи хеле ки дар маҷлис қайд шуд, Олий Маҷлис дарёфткунандаи асосии лоиҳаи «Кӯмак кардан ба ривоҷи ҷараёни демокртикунонӣ дар Ӯзбекистон»-и барномаи ТАСИС ба ҳисоб меравад. Дар рафти ба амал баровардани вай иштирокдорони лоиҳа оид ба ҷонибдории тадбирҳои соҳаи дигаргунсозиҳои демократии мамлакатамон корҳои муҳимро ба амал мебароранд ва дар таҳияи қонунҳои асосии ба парлумони оянда алоқаманд иштирок мекунанд.

Дар бадали якчанд моҳ оид ба тайёр кардани лоиҳаи қонунҳо «Дар бораи мақоми намояндагони халқи Палатаи қонунгузорӣ ва аъзоёни Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон» корҳои пуршиддат ба амал бароварда шуданд. Дар пеш бошад корҳои ба лоиҳаҳои қонунҳое, ки оид ба ҳар ду палатаи мақомотиояндаи олии қонунгузории Ӯзбекистон таҳия шудааст, мувофиқ гардондани лоиҳаи қонуни мазкур меистад.

Дар маҷлис ба масъалаҳои калонмиқёс дахл карданд. Онҳо ба ҳамаи ҷонибҳои мақоми парламенти оянда ва аъзоҳои Сенат тааллуқ доранд. Иштирокдорони «мизи мудаввар» таклифоту тавсияҳои муҳими консепсуалӣ ва мушаххас даровaрданд. Ҳамаи онҳо дар доираи лоиҳаи зикршудаи барномаи ТАСИС ба назар гирифта мешаванд ва мукаммал гардонда, дар ҳолати такмилёфта ба бенефисиари лоиҳа пешбарӣ мегардад. Инчунин ба комиссияи давлатӣ оид ба тайёр кардани қонунҳои Ҷумҳурияти Ӯзбекистон тақдим мегардад. Комиссияи мазкур бо ташаббуси Президент Ислом Каримов созмон ёфта буд.

Маҷлиси «мизи мудаввар» дар муҳити шавқовар ва корчаллонӣ гузашта, мубодилаи афкори фаъол ба амал омад.

**(ӮзА).**

## Мулоқот дар вазорати корҳои хориҷӣ

Аъзоёни ҳайати вакилон таҳти сарварии ҷонишини котиби давлатии ИМА Лорн Крейнер 8 ноябр дар Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон шуданд.

Ҳангоми мулоқот бо роҳбари идораи сиёсати берунии мамлактамон Абдулазиз Комилов қайд шуд, ки ҳамкории байни Ӯзбекистон ва ИМА аз ҳар ҷиҳат самарабахш мегузаранд. Равобити васеъ дар соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, савдою иқтисодӣ, ҳамкорӣ дар таҳкими тамоюлҳои демократӣ, ҳифзи ҳуқуқи инсон, мубориза бар зидди терроризми байналхалқӣ далели равшани ин мебошад.

Дар рафти музокира ҷонибҳо оид ба масъалаҳои минбаъда васеъ гардондани ҳамкорӣ мубодилаи афкор намуданд.

**(ӮзА).**

## Грант ба мактабҳои Самарқанд

**Дар байни Вазорати маорифи халқи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва Сафорати Ҷопон дар бобати ҷудо намудани грант ба микдори 170 ҳазору 388 доллар барои панҷ мактаби таълими ҳамагонии Самарқанд карордод дар Бизнес-сентри пойтахт ба имзо расид.**

Ин бори аввал нест, ки ҳукумати Ҷопон ба соҳаи маорифи ҷумҳурӣ грант ҷудо менамояд ва ин дафъа ба мактабҳои рақами 5 ва 3 шаҳри Самарқанд, рақами 27-уми ноҳияи Сиёби Самарқанд, рақами 23-ум ноҳияи пахтачӣ ва рақами 15 ноҳияи Ургут бо мақсади таъмин намудани ин мактабҳо бо таҷҳизоти замонавӣ ба ин миқдор пул ҷудо хоҳад кард.

Қарордодро дар хусуси ин грант дар ҳузури муовини аввали вазири маорифи халқи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Рустам Аҳлиддинов Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷопон дар Ӯзбекистон ҷаноби Кавато Акио ва директорони ин мактабҳо ба имзо расонданд.

—Барои мактаби рақами 27-уми ноҳияи Сиёб ба миқдори 23 ҳазору 910 доллар грант тахсис гардид,—мегӯяд мудири шӯъбаи маорифи халқи ноҳияи Сиёб Бахтиёр Отаев.—Қарор шуд, ки дар чанд рӯз аввал мо мактабро таъмир менамоем, то ин ки то ба он ҷо овардани таҷҳизоти ҷопонӣ синфхонаҳо барои устувор намудани онҳо муносиб гардад. Пеш аз он ки мактаби ноҳияи мо ба ин грант муносиб дониста шавад, котиби сеюми сафорати Ҷопон Ҳаясӣ Томоюкӣ дар мактаби рақами 27 буд ва бо тамоми имконот ва шароити он ошно шуд.

**Тоҷибой ИКРОМОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**



Ҳоло дар заводи пахтатозакунии «Ӯзбекистон», ки дар ноҳияи Юқоричирчиқ воқеъ аст, кор дар ҷӯшу хурӯш аст. Завод дар мавсими имсола 16,5 ҳазор тонна пахта қабул кард. Дар ин ҷо 350 нафар бо саъю кӯшиши дучанд меҳнат мекунанд. Барои онҳо тамоми шароитҳо фароҳам оварда шудааст. Се маҳал хӯроки гарм барои коргарон дар худи завод тайёр карда мешавад.

**Дар сурат:** лаҳзаи кор дар заводи пахтатозакунӣ.

**Аксбардор Ҳ. АВВАЛОВ.**

## Ҷамъияти шаҳрвандӣ макони иҷтимоист

Ба ҳамагон аён аст, ки аз рӯзҳои аввали ба даст омадани истиқлолият дар мамлакатамон ба сохтани давлати демократии ҳуқуқбунёд ва ҷамъияти озоди шаҳрвандӣ диққату эътибор пурзӯр гардидааст. Дар айни замон барои дар сохтмони давлатӣ ва ҷараёнҳои идоракунии давлат ва ҷамъият фаъолона иштирок намудани шаҳрвандон кулли шароит фароҳам оварда мешавад. Сарвари давлатамон Ислом Каримов дар китоби хеш: «Ӯзбекистон дар остонаи садаи XX1: таҳдид ба бехатарӣ, шартҳои барқарорӣ ва кафолатҳои тараққиёт» ба масъалаи мазкур диққату эътибори калон нигаронда, зикр кардаанд: «Барои мо ҷамъияти шаҳрвандӣ ин макони иҷтимоист. Дар ин макон устувории қонун таъмин гардида, вай барои ба камол расондани инсон монеъгӣ намекунад, балки кӯмак мерасонад. Он барои амалӣ гардондани манфиатҳои шахс, ба рӯи об баровардани ҳуқуқу озодиҳои он кӯмак мерасонад».

Маълум аст, ки шарти муҳимтарини ҷамъияти шаҳрвандӣ ин баланд бардоштани нақш ва аҳамияти муассисоти ғайридавлатӣ ва ҷамъиятӣ дар ҳаёти ҷомеа мебошаду дар навбати худ амалан дар ҳаёт татбиқ кардани усулияти «Аз давлати пурқувват—ба ҷамъияти пурқувват» аст. Ин бошад, марҳала ба марҳала тадриҷан кам намудани нақши сохторҳои давлатӣ дар ҳаллу фасли бисёр вазифаҳое мебошад, ки қабл аз ҳама, бо ҷараёнҳои иҷтимоиву иқтисодӣ алоқаманданд, ки бояд ин вазифаҳо ба зиммаи ташкилотҳои ҷамъиятӣ во гузошта шаванд. Ва ин маънои маҳдуд сохтани мудохилаи давлатро ба доираи иқтисодӣ, ба доираи фаъолияти сохторҳои хоҷагӣ, дар навбати аввал ба соҳаи хусусӣ дорад. Яъне нақши давлат пеш аз ҳама ба муайян намудани самтҳои стратегии тараққиёти иқтисодиёт нигаронда шуда, ба иҷрои ҳамаҷонибаи қонунҳои қабулгардида, таъмини бечунучарои меъёрҳои қабулшуда нигаронда, ба ташаббус ва тадбиргарӣ рағбат бахшида, барои субъектҳои хоҷагидорӣ шароити зарурӣ ва якхела фароҳам овардан зоҳир мегардад. Дар айни замон қувват бахшидани нақши назорати ҷамъиятӣ, аз он ҷумла назорати халқӣ ҷиҳати ба ҳаёт татбиқ кардани қонунҳо ва меъёрҳое, ки дар мамлакат қабул шудаанду амал мекунанд ва албатта, аз болои фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ аҳамияти муҳим касб мекунад. Дар ин бобат амал кардан ба усулияти «Адолат — дар татбиқи муназзами талаботи қонун» низ хеле муҳим аст. Ва амалияи ҷаҳонӣ собит кардааст: ҳар қадар вазифаҳои назоратии давлат қувват бахшида шавад, ҳар қадар шӯъбаву бахшҳо ва мақомоти иловагии назорони давлатӣ таъсис дода шавад, ҳамон қадар бештар амалиёти ноҳақи маъмурон ва коррупсияву ришватхӯрӣ меафзояд. Аз ин рӯ ҳар чӣ бештару беҳтар назорати халқӣ тақвият бахшида шавад, аз болои фаъолияти давлат назорати ҷамъиятӣ пурзӯр гардонда шавад, кор ранги дигар гирифта, беҳбудӣ таъмин карда мешавад.

Ва дар ин бобат дар мамлакатамон корҳои муайяне ба иҷро расонда шуданд ва мешаванд. Аз он ҷумла, тадриҷан, давра ба давра вазифа ва ҳуқуқҳои мақомоти марказӣ ва олии ҳокимиятӣ ба мақомоти поёнии ҳокимияти давлатӣ, ба мақомоти худидораи шаҳрвандон гузаронда мешаванд. Аз ҷумла, алҳол вазорати буҷаи маҳаллӣ ба зиммаи мақомоти ҳокимияту идораҳои маҳаллӣ вогузошта шудааст ва аҳамияти калон дорад. Чунки маҳз ҳамаи масъалаҳои иқтисодӣ аз тариқи молия ҳаллу фасл мегарданд. Ва ин ҷараён қавиву инкишоф меёбад, шакл ва механизмҳои равшану муфидро дар бар мегирад.

Вале масъалаи тақвият ва вусъати мақомоти худидораи шаҳрвандон—муассисоти маҳаллӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои шаҳрвандон алҳол асоси сиёсати давлати моро ташкил медиҳад. Дар ин бобат мисолҳои сершумор овардан мумкин аст. Аз он ҷумла, мақомоти худидораи шаҳрвандон масъалаи додани кӯмакпулиҳо ва кӯмакро ба шаҳрвандон худашон мустақилона ҳаллу фасл мекунанд. Дар бобати ба вуҷуд овардани ҷамъияти шаҳрвандӣ, нақши иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар ҷараёнҳои сиёсӣ, дорои маданияти баланди сиёсӣ будан низ аҳамияти ҳалкунанда касб мекунад. Чунки барои бо суръати баланд пеш рафтани ҷамъият, инкишофи муносибатҳои байни давлату ҷамъият, барпо кардани ҷамъияти шаҳрвандӣ муносибати нав зоҳир кардан талаб карда шуда, пеш аз ҳама мустаҳкам кардани муносибатҳои байни ду давлату ҷамъият, давлату шаҳрванд ва шаҳрванду ҷамъиятро тақозо дорад. Ва он истифода бурдани технологияҳои нав ба навро талаб мекунад, ки хоси тинати миллӣ бошанд. Яке аз ин технологияҳо, ки аз озмоиш гузаштаасту дар тамоми мамлакатҳои аз нигоҳи иқтисодӣ мутараққӣ ва демократӣ истифода гардидааст, «Паблик Риленшз» ном дорад. Тарҷумаи таҳтуллафзии он маънои «Алоқа бо ҷамоат» ном дорад. Ва он дар пойгоҳи мулоқоти байни давлату ҷамъият дар асоси меъёрҳои қонунӣ, озод, самимона ва меъёрҳои ахлоқӣ пеш бурда мешавад. Ва технологияи мазкур дар бобати барҳам задани низоми маъмуриву фармондиҳӣ нақши калон мебозад. Зеро он ҳамкории байни давлат ва ҷамъиятро ба роҳ монда, баъзе монеаҳои дар ин бобат ба амаломадаро хушӣ ба хушӣ ҳаллу фасл мекунад, воситаи махсусеро ба вуҷуд меоварад, ки ҳам ба давлат ва ҳам ба ҷамъият муфид мебошад. Дар айни замон технологияи мазкур барои афзудани обрӯву эътибори мақомоти давлатӣ, мустаҳкам шудани ҳокимияти давлатӣ кӯмаки калон мерасонад. Алоқа тавассути ин технология дар пойгоҳи ҳамкорӣ ва баробарӣ амалӣ мегардад. Яъне ҷамъияту давлат аз ҳамдигар пайваста бохабар гардонда мешаванд.

Дар натиҷа давлат аз сиёсати худ ҷамъиятро мунтазам бохабар месозаду баробари ин аз фикру мулоҳизаҳои ҷамъият дар бобати сиёсати худ мунтазам бархурдор мешавад. Ва он дар бобати қабул кардани қарору қонунҳои муҳим нақши калоне мебозад.

Иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар бобати қабули қонуну қарорҳо аҳамияти калон дошта, яке аз омили муҳим оиди сохтани ҷамъияти озоди шаҳрвандист.

Таъмин намудани ошкорбаёнӣ ва шаффофӣ инчунин бо масъалаи инкишоф наёфтаи механизмҳои омӯзиши афкори ҷамъиятӣ иртиботи зич дорад. Афкори ҷамъиятӣ дар ҳолати ҷамъияти шаҳрвандӣ барометри он мебошад. Дар ин бобат нақши воситаҳои ахбори оммавӣ калон аст. Яъне воситаҳои ахбори оммавӣ муносиби номи худ—ҳокимияти чаҳорум бояд гарданд. Охир воситаҳои ахбори оммавӣ механизми муҳим дар бобати амалӣ гардондани назорати ҷамъиятӣ оиди иҷрои қонуну қарорҳо, фаъолияти давлату шахсони мансабдор мебошанд. Баробари ин воситаҳои ахбори оммавӣ минбари озоди баён кардани фикру мулоҳизаҳои шаҳрвандон гарданд, арзишу мафҳумҳои демократиро ҳимоя кунанд, корҳои фаъолонаро дар бораи такомул бахшидани шуурнокии сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодии мардум ба иҷро расонанд. Тезондани рушди соҳаи иттилоот, таъмини озод намудани воситаҳои ахбори оммавӣ бояд меҳвари ҳатмии ҷараёни ташаккули асосии ҷамъияти шаҳрвандӣ бошанд. Аз ин рӯ, матбуоти воқеан демократӣ наметавонад ва набояд бо ишора зиндагӣ кунад, бояд дар ченаки воқеи ҳаёт ба сар бурда, масъалаҳои муҳими иҷтимоиву иқтисодӣ ва ҳаёти сиёсиро ба миён гузошта, он масъалаҳоеро, ки аҳолиро бефарқ намегузорад, ба муҳокимаи умумихалқӣ гузошта, ба онҳо баҳои танқидӣ диҳад ва баробари ин ба қарорҳо ва фаъолияти сохтори давлатӣ ва идоравӣ баҳои холисона диҳад.

Демократиконииояндаи ҷамъияти мо ва ташаккул додани муассисоти шаҳрвандӣ мустақиман ба боло рафтани фаъолияти сиёсии аҳолӣ, иштироки фаъолонаи он дар ҳаёти сиёсӣ, ҷамъиятӣ ва давлатӣ вобастагӣ дорад. Ва он пурзӯр гаштани фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ, аз он ҷумла аҳзоби сиёсиро тақозо дорад.

Азбаски мо ҷамъияти шаҳрвандиро макони иҷтимоӣ қарор додаем, аз ин рӯ яке аз самти муҳимтарини тараққиёти минбаъдаамон ва таҷдиди босифати ҷамъияти мо ин татбиқ кардани он на дар сухан, на дар коғаз, балки дар ҳаёти воқеӣ усулиятҳои демократӣ, ки кафолатгари зарурӣ барои ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, озодии сухан ва воситаҳои ахбори оммавӣ, инчунин ошкорбаёнӣ ва шаффофии ислоҳоте мебошад, ки дар ҷамъият ба амал меоянд.

**Б.НОРАЛИЕВ,**
**номзади илми фалсафа.**

## Мармари Нурато дар Украина

Дар шаҳри Днепропетровски Украина филиали фаръии корхонаи «Нуратомармар» ба кор оғоз намуд. Вай асосан бо фурӯши тахтасангҳои мармарии сафеду сиёҳ, шлакоблокҳо, хишт ва дигар масолеҳи бинокории дар Нурато истеҳсолшуда шуғл меварзад. То имрӯз ба Украина қариб якуним ҳазор метри мураббаъ тахтасангҳои мармарин содир карда шудааст.

Талабот ба мармари Нурато, ки вай аз мармарҳои машҳури итолиёвиву юнонӣ ҳеҷ мондание надорад, рӯз аз рӯз меафзояд. Бо харидорон дар бораи то охири сол ба 200 ҳазор доллари ИМА расонда додани тахтасангҳои мармарӣ аҳду паймон шуд.

Ҷамоаи корхона дар Екатеринбург ба кушодани ин зумра корхона тайёрӣ мебинад.

**Ёркул УМАР,**
**мухбири ӮзА.**

